«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотс. Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________________
«___» _______________ 2023.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Сафарзода Гулбегим Гурез дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод шудааст**

## I. Мубрамият ва аҳамияти мавзӯи интихобшуда

Дар шароити татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини аҳоли ба маҳсулоти босифати озуқаворӣ асосноккунии самтҳои асосии таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Дар баробари ин бо назардошти шумораи аҳолӣ ва мавқеи хоси шаҳри Душанбе дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатии пойтахт муҳимияти стратегӣ доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки корхонаҳои саноати хӯроквории шаҳри Душанбе солҳои охир таҷдид ва навсозӣ карда шуда, дар баробари ин дар рушди саноати миллӣ нақши калон мебозанд. Аз ин рӯ, яке аз ҷанбаҳои муҳими таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ ин ташаккули низоми нави идоракунии молиявӣ, махсусан идоракунии натиҷаҳои молиявӣ ва фоидаи онҳо ба ҳисоб меравад. Ташаккули низоми самараноки идоракунии фоидаи корхонаҳо – шарти асосии таъмини устувории молиявӣ, фаъолияти самаранок ва рушди инноватсионии онҳо мебошад.

Ҳамзамон қобили қайд аст, ки сифати маҳсулот, сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои соҳа ба ташаккул ва тақсими фоида, яъне идоракунии дурусти фоида вобастагии амиқ доранд. Маҷмуи далели дар боло овардашуда ва бо назардошти таҷрибаи собитшудаи ҷаҳонии нақш ва аҳамияти идоракунии натиҷаҳои молиявӣ дар рушди корхонаҳои саноатӣ мавзӯи мазкур мубрамияти илмии бебаҳс дошта, дорои аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ мебошад.

## II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –Иқтисодиёти саноат ва энергетика мутобиқат мекунад: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 6. Ташаккул ва амалкарди бозори маҳсулоти саноатӣ. Нархгузорӣ дар бозорҳои маҳсулоти саноатӣ. 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда. 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Мушкилот ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. 29. Мушкилоти таҷдиди сохтории соҳаҳо ва корхонаҳои саноат ва энергетика. Реинжиниринг дар корхонаҳои соҳаи саноат ва энергетика.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки зимни таҳқиқот бо истифода аз сарчашмаҳои боэътимоди назариявӣ ва оморӣ масъалаҳои мубрами молияи корхонаҳои саноатӣ, аз он ҷумла идоракунии фоидаи онҳоро таҳқиқ ва асоснок намудааст. Тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ташаккули низоми муосири идоракунии фоида, махсусан дар самти пешниҳоди механзимҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар вақти таъмин кардани рушди инноватсионӣ ва паст кардани нархи фурӯши маҳсулоти корхона аз саҳми назарраси муаллиф дар ҳалли проблемаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда аз сарсухан, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо ва рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки фарогирӣ 128 номгӯй мебошад.

Дар сарсухани кори диссертатсионӣ муҳимияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мушкилот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмети он, асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот, заминаи иттилоотӣ ва навовариҳои таҳқиқот, аҳамияти амалӣ ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ **“Асосҳои назариявии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли**

**маҳсулоти ширӣ”** муаллиф асосҳои илмии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, моҳияти идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва таҷрибаи хориҷии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро таҳқиқ намудааст.

Дар ин боб муаллиф дар асоси таҳлил ва таҷзияи заминаҳои консептуалӣ марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи низоми идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ нақши фоидаро дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ исбот намудааст (саҳ. 20-21). Мауаллиф дар ин замина ба маврид таъкид менамояд, ки самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ самаранокии низоми идоракунӣ, фаъолияти воқеии идоракуниро дар бар мегирад.

Дар асоси вазифаҳои гузоштташуда дар боби якуми кори диссертатсионӣ муаллиф таснифоти фоидаро аз рӯйи манбаҳои ташаккули он баррасӣ намуда, дар ин замина тарзи ҳисоби онро вобаста ба намудҳои он пешниҳод кардааст. Муаллиф дар ин самт таъкид месозад, ки ҳадафи асосии идоракунии фоида таъмин намудани некӯаҳволии ҳадди аксари соҳибони корхона дар давраи ҷорӣ ва оянда буда, бо мақсади мутобиқат намудани манфиати давлат ва соҳибони корхона дар як вақт равона шудааст.

Зимни омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муаллифи моделҳои муосири идоракунии фоидаро таҳлил намуда, дар ин замина барои корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тавсияҳо коркард намудааст, ки шомили чораҳои муҳим мебошад.

Дар боби дуюм **“Ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе”** ҳолати идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, омилҳои ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли махсулоти ширӣ таъсиркунанда ва ҳолати муосири идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

Қобили қайд аст, ки муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифода аз равишҳои маъмули таҳлилӣ нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои саноати ширӣ шаҳри Душанберо таҳлил намуда, дар ин замина таъкид сохтааст, ки корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ҷиҳати ноил шудан ба фоидаи максималӣ дар мавриди аввал на коркарди роҳу усулҳои махсуси ба самт вобаста, балки таҳлили вазъи бозор, доираи фаъолияти рақибон, завқу рағбати истеъмолкунанадгон ва дигар омилҳо зарур аст.

Муаллиф исбот намудааст, ки ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки мушаххас муайян намудан ва дуруст истифода намудани онҳо метавонад самаранокии фаъолияти корхонаҳоро таъмин намояд. Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки истифодаи омилҳои афзоиши фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд аз рӯи принсипҳои дараҷаи баланди касбияти кадрҳои идоракунӣ, таъмини манфиатҳои корхона, фоиданокӣ ва устувории молиявии он дар оянда, коркарди барномаи баландбардории самаранокии фаъолияти корхона, ки ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаро дар бар мегирад ва дастгирии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз ҷониби давлат (Саҳ. 85) бояд ба роҳ монда шавад.

Дар ин боб ҳамчунин низоми амалкунандаи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ арзёбӣ карда шуда, бо истифода аз усулҳои иқтисодию риёзӣ вобастагии он ба омилҳои алоҳида санҷида шудааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **"Перспективаи идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шаҳри Душанбе"** самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, роҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва такмилдиҳии роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ асоснок карда шудааст.

Дар зербобҳои боби мазкур муаллифи кори диссертатсионӣ асосҳои илмию методии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таҳқиқ намуда, нақшаи фуксионалии кластери саноати ширро пешниҳод намудааст. Вобаста ба ин дар пешниҳод шудааст, ки бунёди корхонаҳои коркарди шир дар ҳамаи шаҳрҳову ноҳияҳои мамлакат, таҷдид ва тармими таҷҳизотҳои техникии корхонаҳои фаъолиятдошта, ташкили истеҳсоли маҳсулоти шири мӯҳлати нигоҳдориаш зиёд, васеъ намудани захираҳои ашёи хоми корхонаҳо аз ҳисоби бунёди марказҳои нави қабули шир ва коркарди аввалияи он, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз қабили творог, простокваша, кефир, йогурт ва маҳсулотҳои табобатӣ – профилактикӣ бо нигоҳдошти муҳлати зиёд аз ҷумла самтҳои афзалиятноки рушди корхонаҳои соҳа мебошад.

Дар баробари ин оҳҳои перспективии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ тадқиқ шудааст, ки фарогири модел ва функсияҳои алоҳида мебошад. дар ин зербоб исбот шудааст, ки омӯзиш ва ба роҳ мондани таҷрибаи корхонаҳои саноатии

истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва истифодаи усулҳои ҳисоб намудани хароҷотҳои корхонаҳои саноати истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҷиҳати дақиқан муайян намудани ҳаҷми хароҷотҳо ба арзиши аслии маҳсулот боиси андешанидаи чораҳои амалӣ дар самти кам кардани ин хароҷотҳо мегардад.

Дар самти такмилдиҳии роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ пешниҳод шудааст, ки вазифаи корхонаҳои бо коркарди шир машғулбуда васеъ намудани минтақаи ҷамъоварии шир аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ, ба даст овардани нақлиётҳои махсуси ширкашонӣ ва таҷҳизотҳои мувофиқ барои коркари аввалия мебошад.

**Хулосаву пешниҳодот** фарогирӣ натиҷаҳои асосии ба дастомада ва пешниҳодҳои коркардшуда мебошанд.

Таҳлил ва баррасии маводҳои зиёди назариявӣ ва боэътимоди амалӣ, адабиёти соҳавӣ ва дастовардҳои муҳими назарияи ташаккул ва инкишофи низоми муосири идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, гузаронидани таҳлил ва гурӯҳбандии натиҷаҳои он эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсиониро таъмин намудаанд.

Асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муқаррароти назариявӣ ва амалии ба дастомада дар иникшофи назарияи соҳибкории хурду миёна нақши муҳим дошта, тавсияҳои коркардшуда метавонанд зимни таҳияи моделҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳримҳои иқтисодӣ истифода карда шаванд.

## IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст

Навоварии илмии таҳқиқот аз асосноккунии назариявии усулҳо ва самтҳои асосии такмилдиҳии низоми идоракунии фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ иборат аст. Ба сифати унсурҳое, ки дорои хусусияти навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳо шомил мебошанд:

- илман асоснок карда шудааст, ки баландбардории фоида меъёри муайянкунандаи самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, механизми асосии муҳофизати корхона аз таҳдиди муфлисшавӣ, манбаи муҳими афзоиши арзишмандии бозории корхонаҳои соҳа мебошад;
- исботи муҳимияти баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо далеловариҳои иқтисодӣ ва таснифи омилҳои ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасонанда;

- асоснок карда шудааст, ки бо баланд шудани нархи маҳсулоти ширӣ ҳаҷми фурӯши вай кам мегардад, ки дар натиҷа сатҳи таъминнокии аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти ширӣ паст мешавад ва ин ба ҳаҷми фоидаи корхона таъсири манфӣ мерасонад;

- систематизатсияи самтҳои асосии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон дод бартарияти муносибатҳои иқтисодии самтҳои идоракунии технологияи навтарини идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ;

- муқаррар карда шудааст, ки бо афзудани талабот ба маҳсулоти ширӣ зарурияти зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти ширӣ барои фурӯш ва дар айни замон дуруст ба роҳ мондани идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли ин маҳсулот низ лозим мешавад;

- пешниҳод карда мешавад, ки дар такмил додани роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар фаъолияти идоракунии иқтисодии ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти корхона барои нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар як вақт ҳалли самараноки рушди инноватсионии корхона ва дар айни замон паст карда тавонистани нархи фурӯши маҳсулоти корхона таъмин карда шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии дар он ифода меёбад, ки татбиқи муқаррароти методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмӯи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба такмили низоми идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ коркард шаванд. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми такмилдиҳии роҳҳои баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ, мусоидат ба такмили идоракунии натиҷаҳои молиявӣ ва ғайра метавонанд истифода шаванд.

**V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Кори диссертатсионии Сафарзода Гулбегим Гурез ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бахшида шуда, дар он самтҳои асосии ташаккули низоми муосири идоракунии фоида дар корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2019-2023 дар бар гирифта, натиҷаҳои бадастомада дар сатҳи зарурӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми беш аз 6 ч.ч, аз он ҷумла, 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шоми Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд.

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф мухтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

**IV. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари баҳодиҳии мусбати кори диссертатсионии мазкур ҳаминро қайд менамоем, ки он дорои баъзе камбудӣ ва норасогиҳо мебошад. Аз ҷумла:

- Ҳангоми баррасии асосҳои назариявии идоракунии фоида ва нақши он дар корхонаҳои саноатӣ муаллиф ба масъалаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таъминоти барномавии рақамикунонии низоми идоракунии фоида таваҷҷуҳ зоҳир накардааст. Дар баробари ин методика ва принсипҳои идоракунии натиҷаҳои молиявӣ низ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидаанд;

- Муаллиф зимни таҳқиқи моҳияти идоракунии фоида ва таҷрибаи хориҷӣ бештар ба ҷанбаҳои ташкилию иқтисодӣ таваҷҷуҳ карда, ба таҳқиқи масъалаҳои ташкили кластер дахолат мекунад, ки дар ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо ин ишора нашудааст;

- Дар кори диссертатсионӣ муаллифи он бештар ба масъалаҳои паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ, арзиши аслии маҳсулот ва нархи фурӯш ишора карда, вале бо кадом роҳ ва аз кадом ҳисоб амалӣ намудани чораҳои музкурро то ба охир асоснок накардааст. Дар баробари ин тавсияҳои коркардшуда ба зинаҳои идоракунӣ ва таҷрибаи корхонаҳои саноатӣ мутобиқ карда нашудааст;

- Гарчанде ҳадафи асосии кор ташаккули низоми нави идоракунии фоидаи корхона ба ҳисоб меравад, вале дар кори диссертатсионӣ ягон нақша ва расми сохтори идоракунии корхона, механизми идоракунии фоида ва роҳҳои такмили сохтори мавҷуда оварда нашудааст;

- матни кори диссертатсионӣ дорои камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошад.

Таҳлили матни кори диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он нуктаҳои эътимодноки назариявӣ ва амалӣ, унсурҳои дорои хусусияти навгонии илмӣ ва натиҷаҳои боътимод мавҷуданд. Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда сатҳи асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

**V. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионии тақризшаванда кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва

методологии такмили низоми идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатӣ нақши муҳим доранд.

Ҳамин тавр кори диссертатсионии Сфарзода Гулбегим Сафар дар мавзӯи «Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширии шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод шудааст ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Сафарзода Гулбегим Сафар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 9 нафар; зид –нест; бетараф – нест (Протокли № 4 аз 03.11.2023.).

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ н.и.и., дотсент** **Нуриддинов С.З.**

**Лоиҳаи тақризро омода намуд: н.и.и., м.к.** **Хушмуҳаммадзода З.**

**Котиби ҷаласа муаллими калон** **Нурублоева М.М.**

*Имзои Нуриддинов С.З., Хушмуҳаммадзода З. ва М.М. Нурублоеваро тасдиқ менамоям.*

*Сардори ШККМ ДДМИТ ________ Шарипов У.А.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

*Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, tgfeu@tgfeu.tj*
*Тел.: +992 934099939. E-mail: khushmuhammad@list.ru*